«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
____________ Қурбонзода М.Р.
«_23_» ____06______ с. 2025

# ХУЛОСАИ

**кафедраи таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**

Диссертатсияи Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён» барои дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02- таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Муҳаммадзода Бобоҷон ҳамчун унвонҷуйи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба шумор мерафт.

Муҳаммадзода Бобоҷон соли 2013 шуъбаи рӯзонаи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа (Бохтар) ба номи Носири Хусрав дохил шуда, онро соли 2018 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 15.12.2018. №54^А-ш ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» қабул карда шудааст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Муҳаммадзода Бобоҷон дар ҷаласаи Шурои олимони МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 30.11.2021, № 4 тасдиқ гардидааст. Инчунин бо қарори маҷлиси мазкур роҳбари илмии увонҷӯ доктори илмҳои таърих, профессор Расулиён Қаҳҳор Расул таъин гардидааст.

Муҳаммадзода Бобоҷон имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои зерин бомуваффақият супоридааст: аз фанни таърих ва фалсафаи илм 14.02.2024 бо баҳои 5 (аъло), аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) 31.01.2025 бо баҳои 5 (аъло), ва аз ихтисоси таърихи халқи тоҷик 09.06.2025 бо баҳои 5 (аъло). Аз 16.06.2025, №25/05-47 ба Муҳаммадзода Бобоҷон маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 18.06.2025, №11 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён » чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён» аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ ба шиносномаи ихтисоси илмии 07.00.02- таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқат дорад. Дар таҳқиқоти мазкур оиди таърихи ташаккули давлатдории порсҳо то барпо гардидани давлати абарқудрат, марҳилаҳои рушду такомули давлати Ҳахоманишиён, хусусиятҳои равобити дуҷониба бо сарзаминҳову мардумони сокини империя, кишвару давлатҳои ҳамсоя адабиёти васеи илмӣ ба забонҳои тоҷикӣ, порсӣ, юнонӣ, ибронӣ, англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, русӣ ва ғ. мавҷуд аст. Тадқиқоти олимони тоҷик ва кишварҳои хориҷӣ ба масъалаҳои мухталиф ва ҷанбаҳои гуногуни таърихи рушду такомули абардавлати Ҳахоманишиён ва сохтору ниҳодҳои марказӣ ва маҳаллии он бахшида шудаанд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Диссертатсияи Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди низоми

давлатдории империяи Ҳахоманишиён» барои дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02- таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба талаботи бандҳои 32 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба мухтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илман асоснокшуда ва умуман маводи диссертатсия дар раванди таълими фанҳои таърихи халқи тоҷик, таърихи умумӣ метавонанд истифода бурда шаванд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ мустақилона муайян карда шудааст. Мушаххас намудани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ натиҷаи фаъолияти илмию таҳқиқотии чандинсолаи ӯ мебошад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқи мустақилонаи довталаб ба шумор меравад. Довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳамаи

марҳилаҳои таҳқиқи мавзуъ иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро дар шакли мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо таҳия кардааст.

Диссертатсияи Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён» аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқоти диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**


1. Муҳаммадзода Б. М. Империяи Ҳахоманишиён – аввалин империяи ҷаҳонии аҳди қадим// Паёми Донишгоҳи миллии тоҷик. – 2023. №3. – СС. 47–55.
2. Муҳаммадзода Б.М. Ҳокимияти шоҳаншоҳ ва сохти давлатдории Империяи Ҳахоманишиён// Паёми Донишгоҳи миллии тоҷик. – 2023. №9. – СС. 48–62.
3. Муҳаммадзода Б.М. Мақомоти идораи воҳидҳои маъмурӣ – Хшатра (Сатрапия)-ҳо дар низоми давлатдории Ҳахоманишиён// Паёми Донишгоҳи миллии тоҷик. – 2024. №5. – СС. 39–47.
4. Расулиён Қ., Муҳаммадзода Б. М. Нақши Хшатраҳои Шарқӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давлати Ҳахоманишиён// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. №1. – СС. 93–105.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

1. Муҳаммадзода Б.М. Давлатдории Ҳахоманишиён дар замони ҳукмронии Дорои I// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.– 2024. №3-2(124). – СС. 107-112.
2. Сохтор ва низоми сиёсии давлати Ҳахоманишиён. Муҳаммадзода Б.М..// Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ –амалии бахшида ба 115- солагии академик Бобоҷон Ғафуров. Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. 14.11.2023. саҳ.173-180.
3. Инъикоси давлатдории Ҳахоманишиён дар асраи “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров. Муҳаммадзода Б.М..// Маводи Конференсияи илмӣ –назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 115- солагии академик Бобоҷон Ғафуров дар мавзуи “Бобоҷон Ғафуров-муаррифгари таърих ва тамаддуни тоҷикон” Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. 14.12.2023. саҳ.220-223.
4. Ислоҳотҳои Дорои 1 ва нақши он дар пешрафти шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён. Муҳаммадзода Б.М..// Маводи Конференсияи илмӣ –назариявии байналмилалӣ дар мавзуи “Муаммоҳои омӯзиши осори Носири Хусрав ва саҳми ӯ дар таърихи тамаддуни тоҷикон ” Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. 25.11.2024. саҳ.483-485.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён» барои дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02- таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) кори таҳқиқотии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён»

барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–082 -и назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯй ихтисоси 07.00.02. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав санаи 18.06.2025 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раис:** мудири кафедраи таърихи
халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав н.и.т: Мирзоев Ғ.Ш.

Котиби маҷлис: Қурбонова М

Имзои Мирзоев Ғ.Ш. ва М.Қурбоноваро
тасдиқ менамоям:
Сардори ШК ва КМ МДТ «ДДБ
ба номи Носири Хусрав», дотсент:
“23” 06 2025 Исозода Т.И.

**Нишонӣ**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
Тел. 2-54-81 www.btsu.tj
E-mail: bgu-1978.@mail.ru